82293 - Ҳаҷ аз ҳисоби яке аз идораҳои давлатӣ

савол

Ман ҷавоне ҳастам, ки шукри Аллоҳ маблағи кофӣ дорам. Дар мавсими ҳаҷ фурсат пайдо кардам, ки кор кунам ва ҳамзамон ин фаризаи бузургро аз ҳисоби яке аз идораҳои давлатӣ анҷом бидиҳам. Оё ҳаққи ман раво аст ё на? Бояд қайд кард, ки ин аввалин ҳаққи ман аст.

Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Барои инсон ҷоиз аст, ки аз ҳисоби шахси дигар ҳаҷ кунад, хоҳ ҳаққи фарзӣ бошад ё нофила. Ҳамчунин барояш ҷоиз аст, ки дар мавсими ҳаҷ кор кунад, тиҷорат намояд ва пул ба даст оварад.

Табарӣ дар тафсири худ бо санад аз Ибни Аббос (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) дар тафсири ояти зерин: **«Бар шумо гуноҳе нест, ки (дар мавсими ҳаҷ) аз Парвардигори худ фазл (ва рӯзӣ) талаб намоед (ва тиҷорат бикунед)»** ривоят намудааст, ки ӯ мегӯяд: "Хариду фурӯш намудан пеш аз эҳром ва баъд аз он ҳеҷ ишколе надорад".

Аз донишмандони Кумитаи доимӣ пурсиданд: Ҳукми касе, ки аз ҳисоби ҳоким ҳаҷ мекунад, чист?

Ба ин маъно, ки агар ҳокиме бихоҳад ба зердастонаш маблағеро бидиҳад ва ба онҳо бигӯяд: Бо ин мол ҳаҷ кунед. Оё барояшон ҷоиз аст, ки бо он мол ҳаҷ намоянд ё на? Агар бо он мол ҳаҷ кунанд, оё ҳаққи Ислом аз зиммаи онҳо соқит мешавад? Лутфан бо далел ҷавоб бидиҳед.

Чунин посух доданд: "Ин кор барояшон ҷоиз аст ва ҳаққашон бо назардошти умуми далелҳо

дуруст аст". Поёни сухан.

"Фатово-л-лаҷнату-д-доима" (11/36).

Лутфан ба ҷавоби саволи рақами (36841) нигаред.

Аз Аллоҳ таъоло хоҳонем, ки аз мову шумо бипазирад.

Аллоҳ донотар аст.